Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 16/14)
E-mail: faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна ба диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи "Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи он онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи "Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи шиносномаи ихтисос иҷро гардида, ба бандҳои 2.4. Пешгӯйӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.7. Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ; 2.27. Иқтидори андозии минтақа ва субъектҳои алоҳида мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи "Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" мувофиқ ба талаботи ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаи «Буҷетикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи солҳои 2025» ва барномаву дастурамалҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар шароити имрӯза, тақвияти иқтидори андоз ва чорабиниҳои амалигардонии он дар сатҳи ҷумҳуриявию минтақавӣ ҳамчун унсури

васеъшавии иқтидори иқтисоди кишвар баромад мекунад. Масъалаи мазкур доимо дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, амалишавии он мунтазам дар барномаҳо ва стратегияҳои кишвар мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалаи тақвияти иқтидори андозӣ ҳамчун масъали муҳим маҳсуб меёбад. Бинобар ин, аз омӯзиши ҷанбаҳои методологӣ маълум мегардад, ки тақвияти фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар бахшҳои воқеӣ заминаи муҳимми ташаккули иқтидори андоз ба шумор меравад.

Ҳамчунин, ҷанбаи дигари муҳимми таҳқиқоти диссертатсионии диссертант, барои ташаккули иқтидори андозӣ пешниҳоди дарёфти роҳҳои такмили назариявӣ ва васеъ ба роҳ мондани механизми шаклҳои нави хоҷагидорӣ, шароити мусоиди соҳибкории хурду миёна ва танзими муносибатҳои андозӣ дар вилояти Хатлон зарур мебошад. Ҳамзамон, чорабиниҳо оид ба таҳияи низоми миллии андозбандӣ, муқаррарсозии риояи манфиатҳои андозбандӣ дар сатҳи ҷумҳуриявию минтақавӣ, ҳамоҳангсозии рақобатпазирии андоз ва таъмини баробарсозии молиявии кишвар зарур буда, мубрамӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Қайд кардан бамаврид аст, ки навгониҳои илмии диссертатсия аз омӯзиши асосҳои назариявӣ ва таҳияи ҷиҳатҳои консептуалии ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи коркарди механизми тақвияти иқтидори андозӣ дар минтақаи Хатлон иборат мебошад.

Диссертант масъалаҳои зеринро ҳамчун навгонии илмии кори таҳқиқотӣ пешниҳод намудааст, ки моҳияти аслии онро дар диссертатсия мушоҳида намудан мумкин аст:

➢ яке аз қисмати асосӣ ва заминавии таҳқиқоти илмӣ ин омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии ташаккули иқтидори андозии минтақа барои ҳалли вазифаҳои фискалии муносибатҳои буҷети сатҳҳои гуногуни диссертатсия мебошад, ки мукаммалии онро дар диссертатсияи мазкур возеҳу равшан дидан мумкин аст. Вобаста ба ин, муҳаққиқ роҳҳои омӯзиши заминаҳои илмӣ-методии шарҳи хусусиятҳои соҳавии минтақа ва тақвияти субъектҳои хоҷагидор, нишондиҳандаҳои ниҳоӣ афзуда, дар ин замина, тамоилҳои тағйирёбии таркиби иқтидори андозии минтақа, омилҳои тақвиятдиҳандаи он дар робита ба татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 ва фаъол гардонидани

истифодаи имкониятҳои рушди иқтисодии минтақа дар робита ба саноатикунонӣ маълум намудааст;

- дар асоси таҳқиқоти мазкур диссертант аз омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ маълум гардонидааст, ки шарҳи иқтидори андозӣ бо равишҳои гуногуни назариявӣ ва амалӣ мавриди истифода қарор додан саривақти мебошад. Инчунин дар ин раванд, дар таҳқиқот ҷиҳатҳои нисбатан муҳимми равишҳои назариявии иқтидори андозӣ аз нигоҳи фискалӣ, байнибуҷетӣ ва захиравию натиҷавӣ гурӯҳбандӣ ва истифодаи равияи захиравию натиҷавӣ барои тақвияти иқтидори андозии минтақа нисбатан муфид будан муаян намудааст, ки инро яке аз муваффақияти илмии шахсии диссертант ҳисобидан мумкин аст;

- диссертант дар таҳқиқоти илмии худ бо истифодаи усулҳои арзёбии иқтидори андозӣ аз рӯйи равияҳои гуногун ва усулҳои маҷмуӣ, воқеӣ, индексӣ, усули воқеӣ бо дарназардошти санҷишҳои андозӣ ва иқтисодиёти ниҳонӣ барои васеъ гардонидани иқтидори андозии минтақа усулҳои мазкурро пешниҳод кардааст. Ҳамзамон, барои арзёбии муқоисавии иқтидори андозӣ аз рӯйи вобастагии натиҷа ва омилҳои таъсиррасон усулҳои регрессионӣ, репрезентативӣ, ислоҳи коэффитсиентӣ ва арзёбӣ аз рӯйи даромад ба ҳар нафар аҳолӣ баррасӣ ва пешниҳод намудааст;

- яке аз муваффақияти дигари диссертант ин барои шаклгирии иқтидори андозии минтақа омилҳои тавлидӣ, иқтидори сармоягузорӣ, шароитҳои табиию иқлимӣ, ҳолати иҷтимоию демографӣ, таърихӣ ва идоравӣ, инчунин ба эътибор гирифтани ҳолати ниҳодҳои андозӣ, ҳолати инноватсионӣ ва иқтисодӣ зарур мебошад. Инчунин ҳангоми таҳлили коррелятсионӣ маълум намудааст, ки барои таҳияи модели регрессионии баҳогузории иқтидори андози минтақаи Хатлон ба сифати омилҳои таъсиргузор – МММ, савдои дохилӣ ва сармоягузорӣ интихоб гардида, модели ҳисобии арзёбии иқтидори воқеии андози минтақа таҳия фароҳам оварда мешавад;

- қисми дигари комёбии муҳақиқ, дарёфти роҳҳои ташаккули иқтидори андозӣ буда, вобаста ба ин механизми амалисозии имкониятҳои васеъкунии иқтидори андозии минтақа ва низоми татбиқи тадбирҳои барномавии рушди минтақа оид ба ташаккулёбии иқтидори андозиро коркард ва пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, барои густариши иқтидори андозии минтақа, ҷалби ҳарчи бештари фурсатҳои маблағгузорӣ, ҳифзи манобеи андоз аз молу мулк, комилан истифоданамоии имконот дар самти имтиёзҳои андозӣ, ҷоринамоии технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, густаришу таъмини фазои муосиди сармоягузорӣ дар пояи устуворнамоии фаъолияти субъектҳои иқтисодиро зарур ва аҳамияти авалиндараҷа шумоalong;

➢ дар хотимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ диссертант роҳҳои такмили ташаккули иқтидори андозии минтақа бо коркарди истифодаи механизми кластерӣ аз якчанд нуқтаи назар илман асоснок намудааст. Инчунин барои ҷараёнгирии иқтидори иқтисодӣ, густариши иқтидори андоз ва буҷетро инъикос намуда, дар беҳсозии сатҳи зиндагонии аҳолӣ, устуворнамоии равобитҳои тавозуни иқтисодии минтақа, таъмини рақобатпазирии молу хизматҳо бар асоси фурсатҳои рақамикунонӣ метавонад нақши муҳиму калидӣ дошта, густаришбахшии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва шаклгирии иқтидори андозии минтақа тадбирҳои, асоснок ва мушаххасшуда пешниҳод карда шудааст.

Барои сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ин мавқеи шахсии диссертант дар мустаҳкамкунии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад ва мазмунан дар чунин шакл оварда шудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад:

➢ назари якуми муҳақиқ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявии ташаккулёбии иқтидори андозии минтақа дар заминаи илмӣ-методии шаклгирӣ ва мушаххассозии равияҳои баҳодиҳии он бо дар назар гирифтани тамоюли тағйирёбандаи таркиби воридоти андоз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст, ки ин масъала қобили қабул мебошад;

➢ диссертант равияҳои методии таҳлил ва идоранамоии иқтидори андозии минтақаро бо дар назаргирии равобитҳои фискалӣ, байнибуҷетӣ ва натиҷавию захиравӣ асоснок намудааст;

➢ дар диссертатсия вазъи ташаккули иқтидори андозӣ бо истифодаи усулҳои маҷмуӣ, воқеӣ, индексӣ, усули воқеӣ бо дарназардошти санҷишҳои андозӣ ва иқтисодиёти ниҳонӣ таҳлил карда шудааст;

➢ аз ҷониби муҳаққиқ арзёбии тағйирёбии таркибии воридоти андози минтақаи Хатлон ва омилҳои муайянкунандаи иқтидори андозӣ ошкор карда шудааст;

➢ муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили эконометрикии арзёбии иқтидори воқеии андози минтақаи Хатлон бар асоси муайяну мушахаснамоии омилҳои таъсиррасон ба аломати натиҷавӣ коркард намудааст;

➢ масъалаи дигаре, ки қобили дастгирӣ аст, ин аз ҷониби диссертант коркард ва пешниҳоди механизмҳои густариши иқтидори андозии минтақа мувофиқ ва дар амал татбиқсозии навъҳои муосири хоҷагидорӣ бар асоси кластерикунонии субъектҳои мухталифи иқтисодӣ мебошад.

4. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Мукарраротҳои илмии дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсиф менамояд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути гузаронидани таҳлилҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди оморию эконометрикии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва муқоисавӣ таҳия гардидаанд. Дар раванди таҳияи таҳқиқоти илмӣ аз равиши системавӣ ва истифодаи усулҳои таҳлили умумииқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ ва усули мантиқӣ истифода гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

5. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Асосҳои илмии таҳқиқот аз таҳқиқ намудани заминаҳои назариявӣ ва методии истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни такмил ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳо иборат мебошад. Амалӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар самти такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи низомҳои махсуси андозбандӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори иқтисодӣ ва заминаҳои нави андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизм, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ бармеояд.

Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми андозбандии амалкунанда дар ҳудуди минтақаҳои муайяни кишвар мебошад, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва ҷамъоварии андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, паст намудани меъёрҳои андозҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат карда метавонад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок ва нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст. Инчунин муайян намудан мумкин аст, ки дар раванди таҳқиқот мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин раванд муаллиф масъалаҳои асосии такмили фаъолияти субъектҳои

соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, алгоритм ва моделҳои эконометрикӣ асоснок намудааст.

Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тавсифи онро дар алоҳидагӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **«Асосҳои консептуалии ташаккули иқтидори андозӣ»** ном дорад, муаллиф таваҷҷуҳи махсуси худро ба масъалаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-методии имкониятҳои ташаккули иқтидори андозӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон ва иқтидори захиравию маъмурии ҳар як зерсохтори он равона намудааст.

Ба ақидаи муаллиф, дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи ҷабҳаҳои назариявӣ-методологии андозбандии минтақаҳо, алалхусус дар вилояти Хатлон ва таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишофро дар алоқамандии зич бо соҳаҳои гуногуни рушди ҷомеа хело муҳим гардонидааст. Инчунин қайд намудааст, ки имрӯзҳо ташкили фазои иқтисодӣ ва ҳамгироии байниминтақавӣ, ки дар робита ба иқтидори андозӣ ҳар яки он мавқеи таъсирбахш дорад ва раванди ҳамгироии иқтисоди Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ сиёсати мувофиқро дар бунёди андозбандии самаранок, одилона ва устувор ба миён овардааст (Саҳ. 14).

Қайд гардидааст, ки тақвият додани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҳамчун шароити муҳимми инкишофёбии бозори молу хизматҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт муҳим аст. Ҳолатҳои зикргардидаро ба эътибор гирифта, бо таваҷҷуҳ ба тафовути минтақа аз ҷиҳати шароити табиӣ дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, муайян намудани тарзу усулҳои фаъолгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) чун омили муайянкунандаи иқтисоди минтақавӣ баромад мекунад. Чунки саҳми минтақаҳои кишвар дар ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ асосан аз ҳисоби маҳсулоти кишоварзӣ мавқеи устувор дорад (саҳ. 18).

Муаллиф мақоми давлатро дар замони муосир авлавияти расонидани кумаки молиявӣ ба манотиқ, бо сабаби душворшавии муҳити иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳонӣ ба вуқуъ пайвастааст. Асоси рушди минтақаҳо истифодаи иқтидори иҷтимоию иқтисодии худи онҳо мебошад. Вобаста ба ин, дар ин самт ду равиши асосии захиравӣ ва сохторӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Ба ақидаи муаллиф, муносибати захиравӣ дар он зоҳир мешавад, ки иқтидори иқтисодиву молиявии минтақа ба имкониятҳои захиравии он вобаста аст. Дар мавриди равиши сохторӣ мавқеи мутахассисон чунин аст, ки ин раванд ҳамчун маҷмуи иқтидорҳои гуногун баррасӣ мешавад. Дар маҷмуъ,

равишҳои мазкур асоси методологии омӯзиши тамоилҳои тағйирёбии таркиби воридоти андоз ва омилҳои муайянкунандаи иқтидори андозии минтақаи Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравaнд (36-38).

Диссертант дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадами бозорӣ ба хулосае омадааст, ки бе дастгирии давлатӣ рушди иқтидори иқтисодиву молиявии минтақа ғайриимкон аст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Таҳлили ҷанбаҳои методии ташаккулёбии иқтидори андозии вилояти Хатлон»** ном дорад, вазъи ташаккулёбии иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳолати иқтисодӣ-молиявии корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаи муҳимме, ки дастгирии молиявӣ ва нақши давлат дар иқтисодиёт ва соҳибкориро инъикос менамояд, амиқ қарор дода шудааст.

Чи тавре ки диссертант қайд менамояд, солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти гуногунҷабҳаи андоз гузаронида шуда, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, алалхусус Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид, ки он аз соли 2020 инҷониб таҷдиди назар карда шуда, аз 1 январи соли 2022 мавриди истифода қарор гирифтааст. Зимнан зикр мегардад, ки ислоҳоти мазкур асосан ба содагардонии низоми андоз ва кам кардани гаронии андоз ба субъектҳои хоҷагидор ҳам аз ҳисоби кам кардани теъдод ва меъёрҳои андоз, ҳам тағйир додани қоидаҳои ҳисоб ва пардохти андозҳо, инчунин баланд бардоштани самаранокии маъмуригардонии андоз равона карда шудааст (саҳ. 65).

Ба ақидаи диссертант, имкониятҳо барои диверсификатсияи иқтисодиёт ва фароҳам омадани шароити амалкарди бозори молу маҳсулот дар кишвар, ҳавасмандгардонии субъектони хоҷагидорӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ ва баланд гардидани нуфузи кишвар дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад (саҳ. 67).

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки ҳиссаи вилояти Хатлон дар ташаккули буҷети ҷумҳуриявӣ 9,6%-ро ташкил дода, нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мавқеи фарқкунандаро мегирад. Дар натиҷаи таҳлили маълумоти ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки дар вилояти Хатлон иқтидори андозӣ нисбат ба ҷумҳурӣ аз ҳисоби соҳаҳои саноат ташаккул меёбад. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки ҳиссаи даромадҳои андозии соҳаи саноат дар таркиби даромадҳои андозии вилояти Хатлон 15,0%-ро ташкил медиҳад ва ин аз бартарии рушди фаъолияти корӣ дар татбиқи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар дарак медиҳад (саҳ. 71).

Ҳамчунон дар боби сеюми диссертатсия **«Самтҳои такмил ва тақвияти иқтидори андозии вилояти Хатлон»** буда, масъалаҳои асоснокии таъмин гардонидани рушди онҳо тибқи унсурҳои низоми ташаккулёбии иқтидори воқеии андози минтақа пешниҳод карда мешавад. Яъне бо таҳияи чорабиниҳои арзёбии васеи омилҳои таъсиррасон имкони бештари эътимоднокии афзоиши иқтидори воқеии андози минтақа илман асоснок карда шудааст.

Тибқи ақидаи муаллиф, дар кори диссертасионӣ асоснок намудани дараҷаи иқтидори воқеии андоз имкониятҳои шуғли коргаронро дар минтақа ба вуҷуд оварда, ба дараҷаи неруи минтақа ва сафарбар намудани имкониятҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Минтақаи Хатлон маҷмуи омилҳои мушаххасро дорад, ки бо фаро гирифтани ин раванд тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои дар модели регрессионӣ воридгардида барои ташаккули буҷети минтақа ва дурнамо истифода бурда мешаванд. Дар ин асос, муайянсозии қонуниятҳои ташаккулёбии иқтидори воқеии андози минтақа васеъ гардида, ба арзёбии захираҳо ва муайян намудани роҳҳои афзоиши он дар минтақа мусоидат мекунад (саҳ. 137-139).

Дар раванди таҳқиқ маълум карда шудааст, ки масъалаи такмили низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мукаммалсозии иқтисоди миллиро устувор гардонида, давлат ва ҳукумат дар сатҳҳои гуногун тавассути фаъолгардонии низоми андоз мушкилӣ ва камбудиҳои ташаккулёбии иқтидори андозиро дар асоси риояи принсипҳои андозбандӣ бартараф менамоянд (саҳ. 141).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф ба масъалаҳои такмили иқтидори андозӣ дар тамоми бахшҳо таваҷҷуҳи хоса намудааст. Инчунин диссертант пешниҳод менамояд, ки барои муҳайё кардани шароити ташаккулёбии иқтидори андозӣ бо истифода аз имкониятҳои дохилӣ татбиқи ҳолатҳои имконпазири таҳлилҳои эконометрикӣ ва қабули қарорҳои муфид барои амалӣ намудани чорабиниҳои густариши кластерикунонии бахшҳои воқеӣ ва дар ҳамин замина, васеъ намудани иқтидори андозии минтақа зарур аст. Бинобар ин, яке аз роҳҳои афзоиши иқтидори андозии минтақаи Хатлон ба эътибор гирифтани кластерикунонии бахшҳои иқтисодиёти минтақа дар ташаккули иқтидори андозӣ ба шумор меравад.

Пешниҳоди муаллиф оид ба муайян намудани нишондиҳандаҳои дурнамои иқтидори воқеии андоз имкониятҳои шуғли коргаронро дар минтақа ба вуҷуд оварда, ба дараҷаи неруи минтақа ва сафарбар намудани имкониятҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ қобили дастгирӣ мебошад. Инчунин

муваффақияти кори таҳқиқотии диссертантро дар хулосаву пешниҳодҳо ба пуррагӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос менамояд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима карда шудааст.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи "Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Камбудиву эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Баротов Амирхон Холмирзоевич дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Дар ин баробар, дар диссертатсия як қатор камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо моҳияти илмию амалӣ ва методологии диссертасия беҳтар мешавад:

1. Диссертант равияҳои илмии тавсифи иқтидори андозро аз нигоҳи олимони хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳод намудааст, аммо, ақидаи олимони ватанӣ дар сатҳи зарурӣ дарҷ нагардидааст.

2. Дар саҳифи 41 диссертатсия расми 1.2 - иқтидори андозӣ дар сохтори иқтидори иқтисодии минтақа пешниҳод гардидааст. Хуб мешуд, агар муаллиф назари худро нисбат ба унсурҳои расми мазкур васеътар пешниҳод менамуд.

3. Дар боби 2-юми диссертатсия сохтори даромадҳои андозӣ аз рӯйи таркиби соҳавии ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон барои соли 2022 мавриди таҳлил қарор дода шудааст (ҷадвали 2.2). Мувофиқи мақсад мебуд, агар диссертант сарчашмаҳои даромадҳои мазкурро бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор медод.

4. Муаллиф дар диаграмма 2.4 дигаргуншавии таносуби қарзҳои дебиторӣ, кредиторӣ, ААИ ва андоз аз фоида пешниҳод намудааст, ки дар он андозҳо устувор буда, қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ бошад дар солҳои таҳлилӣ ноустувор мебошанд. Аммо, дар баррасии расми мазкур, сабаби чунин ноустуворӣ дарҷ нагардидааст.

5. Новобаста аз фаровонии маводи омории истифодашуда, маълумоти омории соли 2023 аз мадди назари диссертант дур мондааст;

Бояд таъкид намуд, ки камбудиву эродҳои болозикр ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва аҳамияти илмии онро коста намекунанд.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ**

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз камбудиву эродҳои дар боло номбаргардида, дар умум, диссертатсияи мазкур кори таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи мундариҷаи диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи "Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" нишон дод, ки аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молия ва суғурати
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Улуғхоҷаева Х.Р.

Имзои «Улуғхоҷаева Х.Р.»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

12.12.24

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (992) 37 227-15-10, 919-63-27-76
E-mail: info@tnu/.tj